# Тақриз

**ба автореферати кори диссертатсионии Садирова Сумайро Саидаҳмадовна дар мавзуи «Таъсири гардолудкунандаҳо ба пайдошавии унсурҳои ҳосил дар дурагаҳои гетерозисии пахта дар шароити водии Вахши Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05.- селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ**

Пахтапарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз соҳаҳои муҳим ва аввалиндараҷа ба ҳисоб рафта, зироати пахта дар рушди соҳаи киоварзӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд. Муҳимтарин омили баланд бардоштани ҳосилнокии пахта доштани навъҳои устувору серҳосил ва дурагаҳои гетерозисӣ бо иқтидори баланди ҳосилноки ва технологияи сифати нах мебошад. Бинобар ин ба даст овардани тухмии дурагаҳои гетерозисии дохилинамудӣ ва байнинамудии пахта тавассути гардолудкунӣ бо истифода аз оилаҳои занбӯри асал аҳамияти илмию амалӣ дошта, муҳимияти кори диссертатсионии Садирова С.С.-ро ташкил менамояд.

Диссертант кори илмию таҳқиқотии бисёрсолаи худро бо мақсади омӯхтани самаранокӣ ва рӯёнидани тухмии дурагаҳои гетерозисии пахта бо истифода аз гардолудкунандаи занбӯри асал ва муайян намудани самараи истифодаи оилаҳои занбӯри асал барои гардолудкунии дохилинамудӣ ва байнинамудии навъҳои пахтаи миёнанах ва маҳиннах ҷиҳати рӯёнидани тухмии дурагаҳои гетерозисӣ ба роҳ мондааст.

Навгонии илмии таҳқиқот бори аввал дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз усулҳои мухталиф занбӯри асалро дар гардолудкунии дохилинамудӣ ва байнинамудии навъҳои пахта барои ба даст овардани тухмии дурагаҳои гетерозисӣ истифода намуда, самаранокии иқтисодии занбӯргардолудкуниро дар истеҳсоли тухмиҳои гетерозисӣ муайян ва баҳогузорнамудааст, ки ин бевосита мубрамии кори диссертатсионии мазкурро пурра тасдиқ менамояд.

Муаллиф муқаррар намудааст, ки суръати равуои занбӯрҳо ба шаҳддонҳои дохилигулӣ ва хусусиятҳои навъи алоқаманд буда дар навъи 9326-В аз 45,7 то 82,9% занбӯрҳои ба гулҳо равуокунанда ба ҳиссаи шаҳддонҳои дохилипумбакӣ рост меояд. Ин вобаста ба он аст, ки шаҳддонҳои берунигулӣ дар ин навъ кам инкишоф ёфта, ба қисми асосии шаҳд ҷудошуда шаҳддонҳои дохилигулӣ саҳм мегузоранд. Усули беҳтарин занбӯргардолудкунӣ, ки дар ин вариант вазни ҳосили як кӯрак ба ҳисоби миёна 0,8 – 1,0г афзуда, тухмиҳо 6-8 дона зиёдтар нисбат ба назорати ки ин натиҷаи хуб аст барои истеҳсоли тухмиҳои гетерозисии $F_1$-и пахта.

Натиҷаи мушоҳидаҳои гузаронидаи Садирова С.С. оиди ҳосилнокии навъҳои пахтаи дурагакунонии дохилинамудӣ дар солҳои 2015-2018 нишон дод, ки гардолудкунии дастии гулҳо бо истифодаи гардҳои сардкардашуда барои гирифтани тухмиҳои дурагавии пахта ҳосилнокиро дар $F_1$ 39,4-40,8 с/га дар варианти занбӯргардолудкунӣ

мутаносибан ҳосилнокии пахта 39,0-37,6 ва дар варианти дурагакунии байнинамудӣ навъҳои Сорбон х 9326-В занбӯргардолудкунӣ ба 37,7 с/га расидааст, ки нисбати гардолудкунии дасти ҳосилноки каме паст ҳам бошад, самараи иқтисодӣ бо оилаи занбӯргардолудшавӣ, ҳаҷми даромади соф ба +7025 сомонӣ расид, ки ин нишондод дар гардолудкунии дастӣ мутаносибан бо зарари -2371 сомонӣ ҷамъбаст гардид.

Диссертант дар муҳлати ду сол (2017-2018) дар заминҳои кушод барои тасдиқ ва гирифтани гибридҳои гетерозисии $F_1$ –ро ба роҳ монда ба чунин натиҷаҳо ноил гардидааст. Барои ба даст овардани 40,0 с/га ҳосили хушсифати дурагаҳои гетерозисии дохилинамудӣ аз ҷуфтикунии Сорбо х Суғдиён-2, 41,6 с/га ҳосили дурагаҳои гетерозисии байнинамудӣ аз ҷуфтикунии Сорбон х 9326-В бо равиши занбӯргардолудкунӣ, тавсия намудааст.

Кори диссертатсионии Садирова Сумайро Саидаҳмадовна ҳамчун кори илмӣ-тахассусии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта дар он масъалаи соҳаи пахтакорӣ хусусан ҳалли ба даст овардани тухмиҳои гетерозисии $F_1$- и пахта ба роҳ монда шудааст, ки он бартарияти соҳаро дошта ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банди 7 «тартиб додани дараҷаҳои илмӣ» ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05- селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

Дотсенти кафедраи биохимияи
факултети биологияи Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон, доктори
илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси
06.01.05.- селексия ва тухмипарварии
растаниҳои кишоварзӣ Алимуродов Абдузоҳид Султонович

E – mail: abduzohid1964@mail.com.
Тел: +992904241002

Имзои Алимуродов А. С.–ро
тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.

«20» 03 2023

Суроға: 734025 шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ – 17, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон